# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Миралиев Илҳом Раҳмоналиевич дар мавзӯи «Маҳсулнокии навъҳои зироати бодиринг дар кишти асосию такрорӣ дар минтақаи Данғараи вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ**

Дар системаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон сабзавотпарварӣ нақши муҳимро ишғол мекунад. Шароити иқлими Тоҷикистон барои сабзавотпарварӣ аз он ҷумла бодиринг хеле мусоид аст. Дар ноҳияи Данғара зироати бодиринг нисбат ба дигар зироатҳо бодиринг хеле бартарӣ дорад. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки шароити иқлимии водии Кӯлоб барои рушди зироатҳои сабзавоти мувофиқ мебошад.

Барои ҳосили баланд гирифтани зироати бодиринг ин дуруст ба нақша гирифтан, саривақт ташкил ва интихоб кардани тухмии аълосифт, муҳлати кишт ва гузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ роли муҳим мебозад. Танҳо дар асоси доштани маълумоти мукаммали илмӣ ин соҳаро тараққи додан мумкин аст.

Растаниҳои сабзавотӣ ба фаъолияти узву бофтаҳои инсон таъсири муфид мерасонанд. Бинобар ин ҳар як одам бояд дар давоми сол камаш 60-80 кг сабзавоти тарру тоза истеъмол намояд. Омӯзиш ва таҳияи технологияи мувофиқи парвариши зироатҳои сабзавоти, ба хусус парвариши бодиринг вобаста ба кишти асосию такрорӣ масъалаи муҳим ва дорои аҳамияти илмию амалӣ мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсулнокии навъҳои зироати бодиринг дар кишти асосию такрорӣ дар минтақаи Данғараи вилояти Хатлон ба таври илмӣ гузаронида нашудааст.

Омӯзиши «Маҳсулнокии навъҳои зироати бодиринг дар кишти асосию такрорӣ дар минтақаи Данғараи вилояти Хатлон бори нахуст аз тарафи муаллиф Миралиев Илҳом Раҳмоналиевич гузаронида шудааст, ки моҳияти илмию амалӣ дорад.

Дар муқаддима унвонҷӯй зарурати омӯзиши мавзӯи интихобгардида, ҳадаф масъалаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, мазмуни асосии барои дифоъ пешниҳодгардида, апробатсияи кори илмӣ, корҳои нашргардида ва сохтору ҳаҷми диссертатсияро тавсиф кардааст.

Диссертасияи Миралиев И.Р. дар ҳаҷми 150 саҳифаи матни чопи компютерӣ таҳия гардида, аз 3 боб, хулоса, тавсияҳо ба истеҳсолот, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад. Натиҷаи тадқиқот дар 33 ҷадвал, 5 диаграмма, 6 расм ва 1 нақша ифода ёфтааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 186 номгӯйро дар бар мегирад, ки аз он 8 тояш аз корҳои илмии олимони хориҷӣ ба шумор мераванд.

Бинобар ин, кори иҷрогаштаи илмии Миралиев И.Р., дар мавзӯи «Маҳсулнокии навъҳои зироати бодиринг дар кишти асосию такрорӣ дар минтақаи Данғараи вилояти Хатлон» кори бисёрсолаи ба итмом расида ба шумор рафта, ба талаботи КАО – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои ба даст овардани дараҷаи илмии

номзади илмҳои кишоварзӣ аз руи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**


Мудири кафедраи агротехнология ва экологияи саноат,
Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи ак. М.С.Осимӣ
дар ш. Хуҷанд (ДПДТТХ),
дотсент, доктори илмҳои кишоварзӣ бо ихтисоси
06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.
**Тел. моб.:** +992 92 720 5057
**Почтаи эл.:** naimrashidov-tj@mail.ru


**Рашидов Н.Ҷ.**

ШУЪБАИ КАДРҲО

Имзои Н.Ҷ. Рашидовро тасдиқ менамоям:
Мутахассиси ШК ДПДТТХ **Низомитдинова Ф.Б.**


**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиёбони И.Сомонӣ 226.


11 / 05 / 2024с.